**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**

**Ректори муассисаи байнидавлатии таълимии таҳсилоти олии касбии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор ____________ Файзулло М.Қ.**

**«28» ___04___ соли 2023**

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Шерализода Ҷомӣ Шералӣ дар мавзуи «Ислоҳоти конститутсионӣ дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023. – 217 саҳ.).**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Шерализода Ҷомӣ Шералӣ таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз мавзуъҳои мубрами илми ҳуқуқи конститутсионӣ – Ислоҳоти конститутсионӣ дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ бахшида шуда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мутобиқ мебошад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.** Вазифаи сохтани давлати ҳуқуқбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳкими ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва такмили фаъолияти мақомотҳои давлатӣ яке аз ҳадафҳои асосии давлат

мебошад. Татбиқи дигаргуниҳои куллӣ ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, мукаммали шаклҳо ва усулҳои таҳкими қонунияти ягонаро тавассути баланд бардоштани самаранокии такмили меъёрҳои конститутсионӣ талаб мекунад.

Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар коиференсияҳои илмӣ - амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешаванд. Ҳамчунин, тарзи навишт, гузориши масъала, сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Қобили тазаккур аст, ки диссертант дар ҳалли як зумра масъалаҳои назариявӣ, ки марбут ба падидаи баррасишаванда мебошанд, ба муваффақият ноил гардида, ҳамзамон, андешаҳои илмиеро коркард намудааст, ки онҳо барои рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва такмили қонунгузории конститутсионӣ метавонанд саҳми назаррас гузоранд.

Маълум аст, ки оид ба мафҳуми ислоҳоти конститутсионӣ миёни олимони ҳуқуқӣ баҳс зиёд мавҷуд аст ва таҳқиқоти амиқи худро талаб мекунанд, аз ҷумла, бо назардошти таҷрибаи таърихӣ ва адабиёти илмӣ ва манбаъҳои беруна. Аз ин рӯ, рисоланавис дар интихоби мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба иштибоҳ роҳ надода, балки мавзуи интихобнамудаи ӯ саривақтӣ ва мубрам мебошад.

Маврид ба тазаккур аст, ки диссертант дар ҳалли як зумра масъалаҳои назариявӣ, ки марбут ба падидаи баррасишаванда мебошанд, ба муваффақият ноил гардида, ҳамзамон, андешаҳои илмиеро коркард намудааст, ки онҳо барои рушди илми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ ва такмили қонунгузории конститутсионӣ метавонанд саҳми назаррас гузоранд

Нахустин самти илмие, ки муаллиф ба он ноил гардидааст, ин омӯзиши мафҳум ва хусусиятҳои ислоҳоти конститутсионӣ ва ошкор намудани паҳлуҳои норавшани ташаккули ин падида мебошад. Диссертант дар

инкишофи давлат ва ҷомеа накши ислоҳоти конститутсиониро хеле арзишманд меҳисобад.

Бахши дигари муваффакияти диссертант ин аз нигоҳи назариявӣ пешниҳод намудани мафҳуми ғояҳои илмӣ ва принсипҳои ҳуқуқии ислоҳоти конститутсионӣ мебошад. Муаллиф иброз менамояд, ки амалисозии ислоҳоти конститутсионӣ дар доираи ақидаҳо ва асосҳои роҳбарикунандаи он, омили асосии демократикунонии ислоҳоти конститутсионӣ мебошад, ки риояи принсипҳои ҳуқуқии он шарти асосии амалишавиии ислоҳоти конститутсионӣ ба ҳисоб меравад, ки шартҳои бомуваффақият гузаронидани ислоҳоти конститутсионӣ, ин ғояҳо ва принсипҳои ҳуқуқии он ба шумор меравад (саҳ.45).

Самти дигаре, ки муаллиф аз нигоҳи илмӣ ба он муваффақ гардидааст, ин марҳилаҳои ислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ба андешаи муаллиф асри XXI марҳилаи нави рушди конститутсионӣ дар тамоми давлатҳои ҷаҳон мебошад, ки дар ин марҳила беҳтар намудани раванди таҳияи Конститутсияҳо ва меъёрҳои муосиру ҷадид ба он, ба устувории шахс, ҷомеа ва давлат равона мегардад. Махсусан, ба бунёди сулҳ мусоидат менамояд. Дар ҷомеаи мутамаддин зиёда аз дусад конститутсияҳои миллӣ, яъне конститутсияҳои давлатҳо ҷой дорад, ки солҳои охир раванди бошиддати ислоҳоти конститутсионӣ дар кишварҳои ҷаҳон рафта истодааст. Яъне, конститутсияҳо дар таҳрири нав қабул мегарданд, ё ба онҳо мунтазам тағйиру иловаҳо ворид карда мешаванд (саҳ. 79).

Муаллифи диссертатсия қайд менамояд, ки мавҷуд будани баҳсҳои зиёд оид ба муқаррар намудани марҳилаҳои ислоҳоти конститутсионӣ бо муайян намудани ислоҳоти конститутсионӣ ҳамчун зуҳуроти ҳуқуқӣ-давлатӣ вобаста аст. Агар зери мафҳуми ислоҳоти конститутсионӣ маҷмуи ҳодисаҳои таърихӣ ва ҳолатхое, ки дар доираи ин ва ё он тағйирот ба Конститутсия ворид гардидааст ё Конститутсияи нав қабул шудааст, фаҳмида шавад, пас маҳз ин қисматҳои таърихӣ метавонад

ҳамчунин ба сифати марҳилаҳои ислоҳот баррасӣ карда шаванд. Донистани ҳар як марҳилаи ислоҳоти конститутсионӣ ҳамеша арзиши назариявӣ ва амалӣ дорад. Таҳлилҳои назариявии онҳо имкон медиҳанд, ки қонуниятҳои ислоҳоти дахлдори конститутсионӣ ошкор ва асоснок карда шаванд.

Вобаста ба масоили марҳилабандии ислоҳоти конститутсионӣ миёни олимони ватанӣ ақидаҳои гуногун мавҷуд аст, ки андешаҳои онҳо дар аксари ҳолатҳо ба раванди қабули Конститутсияҳо дар Тоҷикистон мувофиқ мебошад, яъне оғози ҷараёни баргузоршавии ислоҳоти конститутсиониро бо қабул шудани Конститутсияи Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз соли 1929 алоқаманд менамоянд.

Ба андешаи муаллиф ба хулоса омадан мумкин аст, ки аксари олимони ватанӣ ба масъалаҳои таҳия, қабул ва амали Конститутсияи ҷумҳурӣ бештар эътибор додаанд, аммо марҳилаҳои рушди он махсус мавзуи таҳқиқот қарор дода нашудааст. Албатта, давраҳои пайдоиш ва рушди конститутсияҳои Тоҷикистон бо давраҳои рушди ҷомеа ва давлат робита доранд, аммо ба андешаи муаллиф, масоили марҳилабандии ислоҳоти конститутсиониро танҳо ба ҷараёни таҳия ва қабули конститутсия маҳдуд кардан лозим нест, зеро ислоҳоти конститутсионӣ инчунин давраҳои муккамалнамоии онро низ дарбар мегирад. Муаллиф қайд менамояд, ки ақидаҳои олимон ҷараёни пурраи пайдоиш ва инкишофи падидаи Конститутсия ва конститутсионализмро дар Тоҷикистон дар бар мегиранд, яъне аз соли 1924 то замони муосир. Муаллиф чунин мешуморад, ки ҷудо намудани марҳилаҳои ислоҳоти конститутсионӣ вобаста ба давраҳои қабули Конститутсия, моҳияти падидаи мазкурро маҳдуд месозад, зеро ислоҳоти конститутсионӣ ҷараёни доимоамалкунанда мебошад. Бо роҳи гузарондани ислоҳоти конститутсионӣ пеш аз ҳама, падидаҳои давлатдорӣ мукаммал карда мешаванд, ки маҳз ин мукаммалнамоиҳо инъикоси худро дар Конститутсия меёбанд.

Муаллиф ба хулоса омадааст, ки марҳилаҳои ислоҳоти конститутсиониро вобаста ба рушди падидаҳои асосҳои сохтори конститутсионӣ, вазъи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва тартиби ташкил ва фаъолияти мақомоти давлатӣ ҷудо намудан мумкин аст, ки онҳо дар Конститутсия танзими худро ёфтаанд.

Масъалаи мубрами дигаре, ки диссертант зери таҳқиқ қарор додааст ин ташаккули падидаҳои конститутсионӣ дар заминаи ислоҳоти конститутсионии соли 1994 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки боби дуюми диссертатсия ба ин масъала бахшида шудааст. Доир ба ин масоил, муаллиф аввалан, ташаккули асосҳои сохтори конститутсиониро таҳлил менамояд. Ӯ қайд менамояд, ки қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1994 марҳилаи нави рушди конститутсионии низоми ҳуқуқии ватаниро муайян намуд. Дар асоси омӯзиши ақидаҳои олимон вобаста ба ташаккули асосҳои сохтори конститутсионӣ рисоланавис ба чунин хулосаҳо омадааст:

Якум, дар зери мафҳуми асосҳои сохтори конститутсионӣ ин принсипҳои асосии дар Конститутсия мустаҳкамгардида, ки баҳри тавсифи давлати конститутсионӣ равона шудаанд ва он доираи васеи муносибатҳои ҷамъиятиро танзим менамояд, фаҳмида мешавад.

Дуюм, дар асоси мафҳуми овардашуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки мазмун ва моҳияти асосҳои сохтори конститутсионӣ ду ҷанбаро дар бар мегирад: ҳуқуқӣ ва ҳақиқӣ. Ҷанбаи ҳуқуқӣ категорияи расмӣ буда, низоми меъёрҳо ва принсипҳоеро, ки дар Конститутсия мустаҳкам гардидаанд, ташкил медиҳад. Дар навбати худ, ҷанбаи ҳақиқӣ воқеияти объективӣ, яъне низоми муносибатҳои воқеан дар ҷомеа ҷойдоштаро инъикос менамояд. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки барои амалишавии пурраи асосҳои сохтори конститутсионӣ татбиқи ҳар ду ҷанбаи ин падида лозим аст.

Дар давом, муаллиф, қайд менамояд, ки асосҳои сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ниҳодҳои конститутсиониро ташаккул додаанд, ки онҳо то қабули Конститутсияи

соли 1994 дар амалияи конститутсионии кишвари мо мавҷуд набуданд: давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, иҷтимоӣ, таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, шаклҳои гуногуни моликият. озодии фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкорӣ ва ғайра.

Дар ин банд муаллиф қайд менамояд, ки равандҳои дар ҷаҳон баамаломада, бахусус тағйироти геополитикӣ вобаста ба паҳншавии шаклҳои нави таҳдидҳои терроризму ифротгароӣ, буҳронҳо ва дигаргуниҳои гуногуни иқтисодӣ ба якпорчагии сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир мерасонанд. Аз ин лиҳоз, ба андешаи муаллиф, зарурати танзими конститутсионии чунин асосҳои муҳимми бунёди давлатдорӣ, аз қабили амнияти конститутсионӣ, соҳибихтиёрии иқтисодӣ, ҳифзи худшиносӣ ва гуногунии фарҳангӣ (релятивизми фарҳангӣ) ба миён омадааст. Аз ин рӯ, дигаргунсозиҳои минбаъдае, ки дар ҷумҳурии мо ба амал меоянд, ба масъалаҳои ишорашуда бояд диққати ҷиддӣ ва мақоми конститутсионӣ дода шавад, ки асосҳои сохти конститутсионии давлатро муайян менамоянд, тамоми дигаргусозиҳои миллӣ ва таҳкими конститутсионии онҳо, бояд дар асоси арзишҳои миллӣ ва фарҳанги дохилӣ ва ба ин васила, пояҳои давлатдории муосири тоҷиконро мустаҳкам менамояд.

Дар зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия ба мавзуи рушди ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар асоси Конститутсияи соли 1994 бахшида шуда, дар он рисоланавис ташаккули ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро таҳлил менамояд. Ӯ қайд менамояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ ба ҳисоб рафта, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ кафолат дода мешаванд. Барои татбиқи ин арзиши конститутсионӣ дар даврони Истиқлолияти давлатӣ тамоми асосҳои ҳуқуқии кишвар такмил дода шуда, дар ин самт, санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёд қабул гардиданд.

Дар натиҷаи таҳқиқоти анҷомдодашуда, муаллиф ба чунин хулоса омадааст, ки ҳангоми ташаккули низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон дар

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1994, ба сифати асос муқаррароти санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ гирифта шуданд, аз ҷумла, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва ду Паймони байналмилалӣ, ки дар онҳо принсипҳои асосии ҳуқуқи инсон таҷассум ёфтаанд.

Дар зербоби сеюми боби дуюми диссертатсия ташаккули конститутсионии мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Дар асоси таҳлили гузарондашуда рисоланавис ба хулосаҳои зерин омадааст. Дар заминаи ислоҳоти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи таҷзияи ҳокимият дар Конститутсия бори аввал ба вуҷуд омад. Инкишофёбии минбаъда мақомоти давлатӣ бо ин принсип асос ёфта, ба ҳайси заминаи инкишофёбии ислоҳоти конститутсионии шохаҳои ҳокимияти давлатӣ дар Тоҷикистон гардид.

Ислоҳоти конститутсионии мақомоти қонунгузорро муаллиф дар асоси таҳлили ақидаҳои олимон ба ду қисм ҷудо менамояд, яке ислоҳоти низоми парлумонӣ, ки хусусияти сохториро дорад ва дигаре, ки хусусияти ташкилиро дорад. Ҳамчунин, муаллиф падидаи президентиро ба ду марҳила ҷудо намудааст: марҳилаи якум – таъсис ва барқарор намудани мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994; марҳилаи дуюм – ислоҳоти конститутсионии солҳои 1999, 2003 ва 2016 ва дар асоси онҳо ташаккули падидаи мазкур (1999-2016).

Раванди ташаккули низоми судии муосир аз лаҳзаи ба даст овардани истиқлолият ва қабули Конститутсияи соли 1994 оғоз мегардад. Дар баробари ин, бояд зикр кард, ки раванди ташаккули низоми судии муосир 4 марҳилаи ислоҳоти конститутсиониро паси сар кардааст: ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ислоҳоти ҳокимияти судӣ бо қабули Конститутсияи соли 1994, ислоҳоти конститутсионии ҳокимияти судӣ солҳои 1999 ва 2003, ислоҳоти конститутсионии ҳокимияти судӣ бо қабул шудани барномаи ислоҳоти судӣ – ҳуқуқӣ.

Дар баробари ҷанбаҳои зиёди мусбат доштани таҳқиқоти унвонҷӯ баъзе масъалаҳои баҳснок ба мушоҳида мерасад. Бо дарназардошти андешаҳои боло баъзе эродҳо ба мазмун ва шакли диссертатсия ва автореферат пешниҳод мешаванд:

1. Дар рисолаи худ, диссертант асосҳои таснифбандии ислоҳоти конститутсиониро вобаста ба асосҳои гуногун ҷудо намудааст. Аз ҷумла, дар саҳифаи 30 юми автореферат вобаста ба амалисозӣ ислоҳоти конститутсиониро ба моддиву мурофиавӣ ҷудо намудааст. Асосҳои таснифбандии мазкур аз лиҳози мазмунӣ норавшан мебошад.

2. Рисоланавис дар таҳқиқоти худ марҳилаҳои кабули Конститутсия ва такмили минбаъдаи Конститутсияро шакли пурраи марҳилаҳои ислоҳоти конститутсионӣ медонад. Аммо аз мазмуни рисолаи илмӣ бармеояд, ки дигар марҳилаҳои ислоҳоти конститутсионӣ низ ба мисоли марҳилаи омоданамоӣ, қабул, мавриди амал қарор гирифтан, тағйиру иловаҳоро низ дарбар мегирад. Аммо вобаста ба ин, диссертант дар марҳилабандии худ ба онҳо ишора накардааст. (саҳ.86)

3. Диссертант дар рисола ҳангоми баррасии масъалаи мустаҳкамкунии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Конститутсияи ҶТ ба масъалаи такмили танзими конститутсионии он тавачҷуҳ зоҳир менамояд, ки дар ҷаҳон дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд, ки боиси пайдо шудани муносибатҳои нави ҷамъиятӣ гардиданд. Дар заминаи онҳо ҳуқуқҳои нави инсон ташаккул ёфтаанд. Вобаста ба ин масъала, дисертант кадом ҳуқуқҳои нави инсонро дар назар дорад норавшан аст. Аз ин рӯ хуб мешуд, ки дар рафти ҳимоя фикри худро мушаххас иброз менамуд (саҳ 146).

4. Рислонавис қайд менамояд, ки низоми макомоти судии мамлакат дар татбиқсозии меъёрҳои қонунгузории кишвар мақоми асосиро доранд, аз ин рӯ, ба мақсад мувофиқ мешуморад, ки ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба судҳои зинаи болоӣ (Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ) дода шавад. Оё низоми мақомоти

давлатии кишвар дар шакли маъмулӣ танҳо вакилони парлумон ва сарвари давлат ин ҳуқуқро доранд? Хуб мешуд, ки атрофи масоили мазкур мавқеи худро рисоланавис дар раванди ҳимоя муайян менамуд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аввалин рисолаи мукаммал оид ба ислоҳоти конститутсионӣ дар давраи соҳибистиклолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Нуктаҳои асосии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, навгонии рисолаи илмӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос менамоянд.

Аҳаммияти ҳуқуқӣ-конститутсионии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар он аст, ки маводи ин рисола фаҳмишҳои илмиро оид ба ислоҳоти конститутсионӣ дар илми ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мукаммал гардонида, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт, ҳамчун сарчашма баромад менамоянд.

Нуктаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалие, ки дар рисолаи Шерализода Ҷ.Ш. манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияву такмили қонунгузории конститутсионӣ саҳмгузор бошанд. Инчунин, натиҷаҳои рисоларо метавон дар таълими фанҳои «Ҳуқуқи конститутсионӣ», «Ҳуқуқи парлумонӣ» ва ҳангоми навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм, рисолаҳои магистрӣ ва рефератҳо истифода бурд.

**Чоп намудани таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар интишороти асосии муаллиф – дар 21 мақола, аз ҷумла, 7 мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тавсияшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 14 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расидаанд, инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи нашршуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мувофиқати автореферат ба муҳтавои диссертатсия.** Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз он ҷумла, дар мазмуни мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсияи Шерализода Ҷомӣ Шералӣ ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Шерализода Ҷомӣ Шералӣ ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, махсусан бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия ва тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон баррасӣ

шудааст. **Суратмаҷлиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ таҳти №3 аз 20 апрели соли 2023.**

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз ҷониби Элназаров Давлатшо Ходчаевич – мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, омода шуда, дар маҷлиси кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст. Дар ҷаласаи кафедра аз 10 нафар; 10 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» -10, «зид» - нест, «бетараф» - нест. **Суратмаҷлиси кафедра таҳти №8 аз 26 апрели соли 2023.**

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон — **Кравченко О.В.**

**Ташхисгар:** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент - мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон — **Элназаров Д.Х.**

**Котиб:** муаллимаи калони кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон — **Шоисматуллаева Ф.Ш.**

Имзои ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон — **Рахимов А.А.**

ОТДЕЛ КАДРОВ

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, 734000, ш. Душанбе, М.Турсунзода, 30; Тел.: +(992) 37 221-35-50; Факс. +(992) 37 221-35-50; p.rektora@mail.ru; www.rtsu.tj/ru